# МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ИМЛОИ САДОНОКҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 4 Феврал, 2026 - 17:53
[1]

**Назарзода Сайфиддин**
**доктори илмҳои филолгия, узви вобастаи АМИТ, профессор**

Дар асоси меъёрҳои забони адабӣ, ки дар забоншиносии муосир муайян шудааст, шакли талаффузи овозҳои ба забони адабӣ воридшуда бояд ҳадди аксар барои тамоми соҳибони забон (ки бо лаҳҷаҳои гуногун суҳбат мекунанд) ва ҳадди ақал барои аксарияти соҳибзабонон умумӣ бошад. Яъне ҳангоми таҳияи имлои забони адабӣ меъёрҳои таърихие ба назар гирифта мешавад, ки дар тамоми ё қисмати бештари лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ таърихан ташаккул ёфта, хусусияти умумӣ ё фаролаҳҷавиро гирифта бошанд. Бинобар ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст мефармояд, ки «Яке аз муҳимтарин масъалаҳое, ки бояд мавриди таҳқиқи ҷиддии донишмандон, махсусан забоншиносон қарор гирад, масъалаи муқаррар намудани меъёрҳои забони адабӣ мебошад. Забони давлатиро бояд бар пояи меъёрҳои адабӣ устувор сохта, онро аз ҳама гуна қолабҳои сунъии бегона ва унсурҳои лаҳҷавӣ озод кардан лозим аст. Дар робита ба ин, таъкид месозам, ки инкишофи устувори забонро танҳо дар асоси риояи қоидаҳо ва қонуниятҳои меъёр ва таърихи он таъмин кардан мумкин аст»[7, 23]. Аз ин нуқтаи назар таҳаввули таърихии садонокҳои забони тоҷикӣ бисёр омузанда аст.

Садонокҳои забони тоҷикӣ дар давраҳои тулонии таърихи забони мо тағйиру таҳаввули зиёде дида, суфта гардида то ба имрӯз расидаанд. Азбаски ҳамсадоҳои забон бештар собиту устувор буда, ба тағйироти шакливу овоӣ камтар рӯ ба рӯ мешаванд, мо садонокҳои забон ва таҳаввули онҳоро аз лиҳози таърихӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Яке аз хусусиятҳои хоси овозҳои забонҳои бостонии эронӣ ба таври мушаххас фарқ кардани садонокҳо аз лиҳози дарозии овоз мебошад. Забони форсии бостон, ки падарбузурги овозҳои забони тоҷикӣ ҳисоб мешавад, дар таркиби худ се ҷуфти садонокҳои одӣ (а, о, и, э, у, ӯ) ва чор садоноки мураккаб (ai, aī, au, aū) дорад. [19, 23]. Инкишофи минбаъдаи садонокҳо дар забони форсии миёна ва портӣ нишон медиҳанд, ки ду садонокҳои мураккаб ai ва au мутаносибан ба садонокҳои дарози ē ва ō табдил ёфтаанд, дар забони форсии миёна дар давраи оғозини инкишофи забони класикии форсӣ-тоҷикӣ шумораи садонокҳо ба шаш садонок (i, ī, ē, a, ā, u, ū, o, ) мерасад.

Садонокҳои забони тоҷикӣ шаш садоноки ҷуфт иборат аст (а-о, у-ӯ, и-э). ин аломатҳо ва тақсимбандӣ дар грамматикаи илмии забони тоҷикӣ омадааст. Инчунин садонокҳои ҷуфт аз тарафи Абуалӣ ибни Сино ҳануз дар асри X дар «Махориҷ-у-ул-ҳуруф» зикр гардидааст. Ӯ дар ин бора чунин фармудааст: «Оид ба савтиёт (фонетика)
«Алиф»-и мусавват ва хоҳари ӯ «забар», ба гумони ман, махраҷи ин ду раҳо кардани ҳавост ба равонӣ ва бемузоҳамат.
«Вов»-и мусаввat ва хоҳараш «пеш», ба гумони ман, аз раҳо кардани махраҷ ва андак майле ба боло падид меояд.
«Ё»-и мусаввat ва хоҳараш «зер», аз раҳо кардани ҳаво ва бо андак танг кардани махраҷ ва каме майл ба пойин ҳадис мешавад.
Амри ин се ҳарф бар ман душвор аст, аммо ин қадар ба яқин медонам, ки «алиф»-и мамдуди мусаввat дар замоне бештар ё ду баробари замони забар воқеъ мешавад ва забар дар кучактарин замоне, ки дар он интиқол аз ҳарфе ба ҳарфи дигар мумкин бошад. Ва низ чунин аст нисбати «вов»-и мусаввat ба «пеш» ва «ё»-и мусаввat ба «зер». (Сино. “Махориҷ-у-ул-ҳуруф”. С.-237).
Аз рӯйи гуфтаҳои алломаи бузург, сухан дар бораи ҷуфти садонокҳои имрӯзи а, о, и (устувор ва ноустувор) ва ӯ-и (устувору ноустувор) меравад. Дар бораи садонокҳои ӯ (у-и устувори дароз) ва э (и-и устувори дароз) умуман сухан намеравад.

Бинобар ин моро зарур аст, ки сари таърихи овошиносии забон андеша намоем ва имлои садонокҳои забони тоҷикиро бо меъёрҳои таърихии имлои онҳо мувофиқ созем. Албатта, ин

навиштаҳои мо як тарзи пешниҳодӣ аст ва ҳар як овози садоноки забонро ба тавр ҷудогона муфассал мавриди баррасии илмӣ қарор бояд дод.

Бояд гуфт, ки масъалаи садонокҳои забони тоҷикӣ дар даврони Шуравӣ борҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ва то ин дам шумораи садонокҳои забони тоҷикиро пажӯҳишгарон гоҳ дар асоси шумораи садонокҳо дар забони классикии форсӣ-тоҷикӣ 8 садонок, гоҳ ҳафт садонок ва асосан шаш садонок ҳисоб кардаанд. Дар ибтидои асри XX, солҳои 1927-1928 дар давраи омодагӣ барои гузариш ба алифбои лотинӣ баҳс сари садонокҳои дарозу кутоҳи ū – u ва i – ī хеле доманадор буд ва ин баҳсҳо аввал бо қабул кардани ҳашт садонок i, ī, e, a, o, ů, ū, u анҷом ёфт. Дар натиҷа китобҳои аввалини дарсӣ барои забони тоҷикӣ, ки солҳои 1929-1930 чоп шуданд, бо овардани ҳашт садонок дар забони тоҷикӣ нашр гардидаанд. [16, 23].
Абдурраufi Фитрат дар китоби худ бо номи «Қоидаҳои забони тоҷик (сарф ва наҳв)», ки соли 1930 ба чоп расидааст, чунин менависад: «Босадоҳои (садонокҳои - С.Н.) забони тоҷик 8 адад буда, ба се ҷуфт ва 2 тоқа тақсим мешаванд. 6 босадои ҷуфт-ҷуфт:
Кутоҳ
у, и, а
Дароз
ӯ, ӣ, о
Ду босадои тоқа: «е, у» [1, 23].

Вале баъдан Комиссия оид ба омодагӣ ба анҷумани илмӣ-забоншиносии Тоҷикистон садонокҳои забони тоҷикиро 6-то муқаррар намуд ва овозҳои i - ī ва u - ū-ро на аз рӯйи дарозӣ, балки дар асоси устуворӣ муайян намуд. [4, 23].
Ин анҷуман ки моҳи августи соли 1930 баргузор гардид, аз рӯйи чор масъала, забони адабии тоҷик, алифбо (алифбои лотинӣ дар назар аст), имло ва масъалаи алифбои шуғнонӣ қарорҳои махсус қабул кард, ки ду қарори Анҷуман «Қарор дар масъалаи алифбо» ва «Қарор дар бораи имлои нави тоҷикӣ» ба имлобандӣ бевосита иртибот дошта, тарзи навишти калимаҳоро ба алифбои лотинӣ муайян менамояд. Аз ҷумла, дар «Қарор дар масъалаи алифбо» оид ба муайян кардани ҳарфҳо барои овозҳои ӯ, у, у чунин омадааст: «Анҷуман тамоми масъалаҳои мубоҳисадори алифбои нави тоҷикро ҳаматарафа музокира карда, ба ин қарор меояд, ки дар қисми муҳимми шеваҳои тоҷикӣ овози (у) вов-и маҷҳул мавҷуд нест ва ин вов бо (ӯ) вови маъруф мувофиқ мебошад, барои ҳамин дар асnoи таълим хондан ва навиштан душвориҳо ба миён меояд. Барои аз миён бардоштани ин душвориҳо минбаъд овозҳои (ӯ) ва (у) бо як шакл (ӯ) нишон дода шавад ва ин шаклро бо хосиятҳои шеваҳо мувофиқ карда кор фармудан мумкин хоҳад шуд. Ин ҳол дар шеваҳое, ки ин се овоз (яъне ӯ, у, у) фарқ доранд, дуруст хондан ва навиштанро осонтар карда, дар шеваҳое, ки фақат дутоии ин овозҳо ҳаст, душвории мавҷударо аз миён мебардоранд». [18, 23].
Як нуктаи муҳимми дигар бар асоси меъёрҳои таърихии забони адабӣ таҳия гардидани имло мебошад. Дар қарори мазкур дар ин бора чунин омадааст:
«Анҷуман қайд мекунад, ки дар муайян кардани қоидаҳои имлоӣ танҳо як лаҳҷаро асос гирифтан аз хусусиятҳои лаҳҷа (ё ки шева)-ҳои дигар чашм пӯшидан мувофиқи мақсад нест. Бинобар ин ҳамаи лаҳҷаҳоро дар назар дошта истода қоидаҳои имлогии сарфии муштаракро муайян кардан лозим аст.

Қайд: азбаски забони адабии тоҷик то як дараҷа ҳамаи хусусиятҳои лаҳҷаҳоро ба худ акс кунонидааст, бинобар ин дар тартиби қоидаҳои имлогӣ дар ваҳлаи аввал ба забони адабии мавҷуда муроҷиат кардан зарур аст». [8, 23].

Аз ин иқтибос чунин бармеояд, ки таҳиягарони имлои забони тоҷикӣ дар ибтидои солҳои сиюми садаи XX тарафдори таҳияи имло дар асоси меъёрҳои таърихии грамматикӣ буда, аз «принсипи савтӣ»-и таҳияи имло сарфи назар менамоянд: Таваҷҷуҳ кунед ба иқтибоси дигар аз ҳамин қарор: «Азбаски забони тоҷик ду лаҳҷаи асосӣ ва як қатор шеваҳои дарунӣ дорад, бинобар ин имлои тоҷикиро дар асоси соф савтӣ ниҳодан мумкин нест. Бинобар ин имлои нави тоҷик дар принсипи шаклӣ ниҳода мешавад» [8, 23].

Дар солҳои 1937–1940 дар давраи гузариш ба алифбои кириллӣ масъалаи садонокҳои забони тоҷикӣ аз нав мавриди баррасӣ қарор гирифт. Боз фарқ кардани i – ī ва ū – u масъалаи асосӣ гардид. Соли 1940 китоби Лутфулло Бузургзода «Фонетикаи забони адабии тоҷикӣ» бо ҳуруфи лотинӣ чоп шуд, ки дар он масъалаи дарозӣ ва кутоҳии садонокҳои i - ī ва ū – u аз нав тасдиқ гардида, барои забони тоҷикӣ меъёр ҳашт садонок муқаррар гардид. Аз ҷумла, ӯ дар бораи овози i: - ī менависад: «i: Ин овоз аз ҷиҳати ҷой ва усули ташаккул аз «i» фарқ надорад, яъне овози қатори пешин ғайрилабӣ ва танги болоӣ буда, аммо аз «i» андак кашидатар (дарозтар) талаффуз карда мешавад: i:d, bi:no, si:r (sī:ri kosa), si:r, zi:n, zi:na, xi:ra, pi:v, di:na, di:ruz//di:rūz, ki:na, si:. Ин овоз дар як қисм шеваҳо монанди забони адабӣ фонемаи мустақил

ба шумор равад ҳам, дар як қисм шеваҳо (Самарқанд, Ленинобод) аз «i» фарқ карда намешавад» [3 23]. Л. Бузургзода дар бораи u:(ū) ҳам чунин ақидаро пешниҳод мекунад ва барои намуна мисолҳои du:r, hu:š, šu:š, nu:r, du:d-ро меорад. [3, 23]. Тавре ки аз ин намунаҳо мебинем, ва худи муаллиф ҳам қайд мекунад, ин дарозиву кутоҳӣ агар дар забони адабӣ ва баъзе аз шеваҳо фонемаи мустақил бошад ҳам, вале дар лаҳҷаҳои Самарқанду Ленинобод аз овози «i» фарқ надорад. Бинобар ин дар имлои забон ҳам минбаъд дар назар гирифта нашудаанд.

Вале баъд аз як соли нашри ин китоб китоби дигаре бо номи «Грамматикаи забони тоҷикӣ» нашр мешавад, ки дар он ҳафт садонок (а, е, u, ӣ, о, у, ӯ) барои забони адабии мо муқаррар шудааст.

Тарзи талаффузи овози ӯ дар вожаҳои «ду», «ту», «куҳ», «нуҳ» боз ҳам кутоҳшавии ин овозро тасдиқ мекунад. Ақидаи забоншиносон оид ба аз дарозиву устуворӣ ба кутоҳиву ноустуворӣ тағйир ёфтани овозҳои садоноки забони мо имрӯз илман тасдиқ шудааст. Ҳол он ки дар забони мо бе доштани меъёри таърихӣ як силсила қоидаҳо (аз қабили пеш аз овози (h)ҳ дар калимаҳои куҳна, куҳан ва пеш аз овозҳои h ва айн (аломати сакта) дар калимаҳои арабӣ талаффуз кардани ӯ пайдо шудаанд, ки имрӯз онҳоро ҳамчун хусусиятҳои хоси забони тоҷикӣ қаламдод мекунанд. Ҳол он ки хусусияти хоси ин овозҳоро, яъне ба ӯ-и дароз табдил ёфтани у-и кутоҳ дар лаҳҷаҳои шимолии Тоҷикистон, аз ҷумла дар лаҳҷаҳои «самарқандӣ-бухороӣ, ленинободӣ-конибодомӣ, аштӣ, чустӣ, косонсоӣ, уротепагӣ, шаҳристонӣ» дар намунаҳои уҳда, муҳтоҷ, мумин (арабии муъмин) ҳанӯз дар соли 1964 муҳаққиқи рус Расторгуева В.С. қайд карда чунин гуфта буд: «Гузариши u (у-и кутоҳ) ба ů (ӯ-и дароз) дар зери таъсири ҳамсадои гулӯӣ танҳо дар лаҳҷаҳои шимолӣ (ҷое, ки садоноки ū (ӯ-и дароз) дорад) ва махсусан дар лаҳҷаҳои самарқандиву бухороӣ, ленинободиву конибодомӣ, аштӣ, чустӣ, косонсоӣ, уротепагӣ, шаҳристонӣ дида мешавад» [13, 23]. Яъне ин падида дар аксарияти дигари лаҳҷаҳои минтақаҳои тоҷикнишини тоҷикони Осиёи Марказӣ ва лаҳҷаҳои марказӣ, ҷанубӣ ва ҷануби шарқии Тоҷикистон аз тарафи муҳаққиқон маълум карда нашудааст ва онро ҳамчун меъёр ба забони адабӣ дохил кардан ба назар дуруст намерасад. Агар меъёрҳои забони адабиро ба баъзе минтақаҳои тоҷикнишини Ӯзбекистону Тоҷикистон маҳдуд накарда, онро ба тамоми сарзамини тоҷикон мансуб донем, нодурустии ин меъёр боз ҳам равшантар ва бармалотар аён мегардад. Ӯ таъсири забонҳои туркӣ ва махсусан забони ӯзбекиро дар пайдо шудани овози ӯ дар калимаҳои арабӣ ва тоҷикӣ дар намунаи лаҳҷаҳои Чирчиқи боло, Раштон ва атрофи он зикр намуда чунин мегӯяд: «Ин фонема (овози ӯ дар назар аст) хати инкишофи ō-и маҷҳули куҳанро идома намедиҳад. Он дар ин ҷо аз забони ӯзбекӣ иқтибос шудааст ва фақат дар калимаҳои иқтибосии узбекӣ дида мешавад» (мисолҳо ҳам оварда мешавад). Баъдан ӯ дар ҳамин ҷо зикр мекунад, ки «ō-и маҷҳул дар ин ҷо ба монанди лаҳҷаҳои марказӣ ба овози ū табдил ёфтааст: rūz, rūy, mūy ва ғ.» [13, 23] (яъне у-и устувори калимаҳои дур, пур, гур ва ғ.)

Ҳамин тариқ дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ бештар садонокҳои таърихии қатори ақиб ба тағйироти сифатӣ дучор шудаанд. Агар мо тағйироти сифатии лаҳҷаҳои тоҷикии Афғонистонро (махсусан лаҳҷаҳои шимоли шарқӣ ва маркази Афғонистон- Балх, Бадахшон, Қундуз, Тахор, Самангон, Парвон, Кобул) бо лаҳҷаҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон муқоиса кунем, пас умумияти ин лаҳҷаҳо бештар бо лаҳҷаҳои ҷануби Тоҷикистон дида мешавад ва дар маҷмуъ лаҳҷаҳои шимолӣ бо доштани хусусиятҳои қадимӣ (асосан доштани ҳашт садонок) аз як тараф ва лаҳҷаҳои ҷанубӣ бо лаҳҷаҳои шимол ва маркази Афғонистон (бо доштани хусусияти ҳафтсадонокӣ ва шашсадонокӣ) дар байн ва лаҳҷаҳои забони форсӣ бо доштани хусусияти шашсадонокӣ аз тарафи дигар қарор мегиранд. [13, 23]

Дар забони тоҷикӣ имрӯз баҳс бештар сари истифодаи ӯ-(у-и дароз) ва у (у-и кутоҳ) сурат мегирад. Ҳол он ки тавре дар намунаҳои боло аз ибтидои солҳои сиюм то ибтидои солҳои чилуми садаи XX дидем, масъалаи истифодаи и (и-и кутоҳ) ва ӣ (и-и дароз) низ мавриди мубоҳисахои тулонӣ карор гирифтааст. Истифодаи овози ӯ-и дароз пеш аз аломати сакта (ъ) ва овози ҳ, ки имрӯз мавриди баррасиҳои дурудароз карор гирифтааст, дар асоси маводи илмӣ ва суннати таърихии имлобандӣ пояи илмӣ надорад. Он ба таври сохта дар асоси пешниходхои сохтани забони нави адабӣ дар охири солҳои сиюм ва ибтидои солҳои чилуми садаи XX, ки намунааш фармони № 1 Комиссариати Халқии маорифи РСС Тоҷикистон «Дар бораи баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ (Тоҷикистони Сурх, 25 январи соли 1939) мебошад, ба имлои соли 1941 (Қоидаҳои асосии орфографияи забони тоҷикӣ // Газетаи муаллимон, 20 феврали соли 1941) дар шакли зерин даровардa шудааст: «Агар ҳарфи ҳ ва ё аломати сакта бо у-и пеш аз худ омадагӣ як ҳиҷои бастаро ташкил кунад, дар он вақт у не, балки ӯ навишта мешавад: сӯҳбат, мӯҳтарам, уҳда, шуъба, мӯътадил, мамнӯъ, муътабар ва м. ин».

Ин қоидаи сохта дар ду қоидаҳои имлои даврони Шуравӣ (1955, 1972) бетағйир омад. Баъд аз ба Истиқлол расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи доимии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, ки ба ҳайати он донишмандони мумтозе чун А. Мирзоев, Ш. Рустамов, М. Шакурӣ ва дигарон шомил буданд, ба таҳияи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ шурӯъ намуданд. Ин лоиҳа, ки соли 1993 омода шуда буд, то имрӯз мукаммалтарин лоиҳаи имлои забони тоҷикӣ мебошад. Дар ин лоиҳа, ки минбаъд асоси «Имлои забони тоҷикӣ» (1998) гардид, миқдори ҳарфҳои тоҷикӣ 31 ҳарф муқаррар гардида, йотбарсарҳо (е, ю, я, ё.) низ аз алифбо бароварда шуда, инчунин қоидаи сохта оид ба пеш аз ҳарфҳои ҳ ва ъ омадани ӯ-и дароз низ ҳазф шуда буд. Дар он чунин омадааст: «г) дар ҳихои охири калимаҳои зерин пеш аз ҳарфи ъ мувофиқи суннат ӯ навишта мешавад: мавзӯъ, мазрӯъ, мамнӯъ, марсӯъ, маснӯъ, руҷӯъ ва ғайра.

Аммо дар ҳихои бастаи пеш аз ҳамсадои айни калимаҳои зерин мувофиқи суннат у-навишта мешавад: уъҷуба, буъд, луъбат, муъзам, муъмин, муътабар, руъб / тарс /, руъйо, суъбон / аждаҳо /, суълук / фаrир/, туъма, шуъба, шуъла ва монанди инҳо». Ин бахш дар қоидаҳои имлои соли 1998 дида намешавад. Вале ин масъала нодида гирифта шуд ва аз тарафи баъзе расонаҳои гурӯҳӣ ва шахсони алоҳида то имрӯз ҳам риоя намегардад. Фақат баъд аз қабули «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» (4 октябри соли 2011, Қарори ҲҶТ №458) бо ташаббуси Раиси собиқи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди ҲҶТ ин масъала ба танзим дароварда шуд. Баъдан бо қарори ҲҶТ аз 30 июни соли 2021. №268 ба қоидаи имло тағйирот ворид гардида он ҳамчун «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» қабул гардид. Дар ин санад бе ворид кардани аломатҳои нави ҳарфи талаффуз ва аломатҳои ҳарфии «у-и устувор», «у-и ноустувор» ва «у-и устувори дароз» ва инчунин «и-и устувор» ва «и-и ноустувор» ва «и-и устувори дароз» мушаххас гардидааст. Ин қоидаҳои дар имлои нав чунинанд:

3. Ҳарфҳои у ва у дар мавридҳои зерин навишта мешаванд:

1) ҳарфи у дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

- барои ифодаи овози у-и ноустувор: булбул, буз, бузург, шутур, сурх, умед, усто, устувор, устухон, хушк ва ғайра;
- дар ҳиҷои аввали калимаҳои тоҷикӣ пеш аз ҳарфи ҳ: Суҳроб, нуҳ, куҳна//куҳан, гуҳар, муҳр, муҳра ва ғайра;
- дар калимаҳои иқтибосии арабӣ: таваҷҷуҳ, таҷаммуъ, таматтуъ, тарашшуҳ, тазарруъ, таваккуъ, табарруъ, муҳтарам, муҳлат, шуъба, шуъла, муъмин, суҳбат, уҳда ва ғайра;
- барои ифодаи овози у-и устувор: бумӣ, дуд, дур, хуб, зуд, гуна, зону, андуҳ ва ғайра;

2) ҳарфи ӯ дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

- барои ифодаи овози ӯ-и устувори дароз: кӯҳ, рӯз, гӯш, рӯд, дӯст, пӯст ва ғайра;
- дар ҳиҷои дуюми калимаҳои навъи фурӯг, дурӯг, гурӯҳ, шукӯҳ, афрӯз ва ғайра;
- дар калимаҳое, ки таърихан дар решаашон ҳамсадои й доранд: рӯй, сӯй, ҷӯй, шӯй, бӯй, мӯй ва ғайра.

4. Ҳарфҳои и ва ӣ дар мавридҳои зерин навишта мешаванд:

1) ҳарфи и дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

- барои ифодаи овози и-и ноустувор: дил, китоб, шитоб, нигоҳ, нигор ва ғайра;
- барои ифодаи бандаки изофӣ: кишвари сарсабз, шаҳрванди Тоҷикистон, сари кӯҳи баланд ва ғайра;
- дар анҷоми пешояндҳо меояд: барои, баъди, дар бораи, бо мақсади ва ғайра;
- дар охири пайвандакҳо меояд: ки, чи (чи ... чи), чунки, агарчи, азбаски, ё ин ки, ба сабаби он ки, бинобар он ки ва ғайра;
- дар охири ҷонишинҳо меояд: ҳар ки, ҳар чи ва ғайра;
- дар исмҳои хосе, ки иқтибосианд: Леонардо да Винчи, Индира Ганди, Паганини, Ибарури, Сочи, Тбилиси, Батуми, Миссисипи ва ғайра;
- барои ифодаи овози и-и устувор: тир, шир, пир, дид, дин, оин, низ, миз ва ғайра;

2) ҳарфи ӣ дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

- дар охири калима барои ифодаи овози и-и устувори дароз: моҳӣ, шоҳӣ, шолӣ, биҳӣ, сӣ, бародарӣ, далерӣ, таксӣ, туфлӣ ва ғайра;
- дар бандакҳои феълӣ ва хабарӣ: (ту) омадӣ, (ту) гуфтӣ, (ту) гуфтаӣ, (ту) ҳунармандӣ ва ғайра;
- дар ҷонишинҳои саволии кӣ? ва чӣ?: кӣ омад? чӣ шуд? ва ғайра.

Эзоҳ. Дар мавриди калимаву иборасозӣ овози ӣ бо и навишта мешавад: моҳӣ - моҳиҳо, моҳиён, моҳигир, моҳии бирён, моҳиро бо шаст гирифтан; кӣ? - киҳо?, кист?, киро?, киям?; ободӣ - ободии кишвар; сӣ - сиюм, сисола; шолӣ - шоливу гандум ва ғайра.

Ҳар як банди он бод алоҳида баррасӣ шавад. Вале дар маҷмуъ баъзе нуктаҳоро метавон

хулоса кард.

Албатта «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ҳуҷҷати расмӣ буда, иҷрои он барои тамоми сокинони ҷумҳурӣ, ки ба забони давлатӣ сару кор доранд, ҳатмӣ аст. Вале имло ҳам дар ҳоли тағйир аст ва дар оянда зарурати такмили он пайдо мешавад. Бинобар ин дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёт, Комиссияи доимамалкунандаи имлои забони тоҷикӣ фаъолият дорад ва вазифаи ин Комиссия аст, ки таҳаввулоту тағйиротро дар густариши забони адабӣ омузад ва онҳоро ҳангоми таҳияи имлои забони адабӣ дар оянда ба назар гирад.

Китобнома

1. Абдуррауфи Фитрати Бухорой. Қоидаҳои забони тоҷик (Сарф ва наҳв). – Душанбе, Сино, 2009. -С.40-41.
2. Бузургзода Л. Фонетикаи забони адабии тоҷик, Сталинобод, 1940, -С.39; Соколова В.С. Фонетика таджикского языка, М.-Л., 1949. -С.11-12.
3. Бузургзода Л. ва Ниёзмуҳаммадов Б. Грамматикаи забони тоҷикӣ, Сталинобод, 1941, с.21; Соколова В.С. Фонетика таджикского языка. М.-Л., 1949- С.12.
4. К вопросу об едином литературном таджикском языке, терминологии и латинизированном таджикском алфавите. Материалы работ комиссии по подготовке научно-лингвистического сьезде в Сталинабаде, Сталинабад, 1930.
5. Князев С.В., Пожарицкая С.К. Современный русский литературный язык: Фонетика. Орфоэпия, графика и орфография: Учебное пособие для вузов. – 2-е изд., перераб. И доп. – М.: Академический Проект; Гаудеаму, 2012. – 430 с. – (Gfudeamus). - С. 13.
6. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). Қисми 1. – Душанбе, 2003. - С. 4
7. Назарзода С. Имло ва забони адабӣ. – Душанбе, «Андалеб-Р», 2015. - С.3
8. Маводи анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии тоҷик оид ба забони тоҷикӣ ва масъалаҳои ҳалталаби он // Забоншиносӣ, 2010, №1. - С. 132.
9. Маводи анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии тоҷик оид ба забони тоҷикӣ ва масъалаҳои ҳалталаби он // Забоншиносӣ, 2010, №1. - С. 132.
10. Основы иранского языкознания. Новоиранские языки, М.1982. - С. 20.
11. Основы иранского языкознания. Новоиранские языки. М., 1982. –С.42-43.
12. Расторгуева В.С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров. М., 1964. -С.41,
13. Расторгуева В.С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров. -М., 1964. -С.38-41; Abdul Chafar Farhadi. le persian parle en Afghanistan. Grammaire du Kaboli/ Paris. 1955;
14. Соколова В.С. Исследования по фонетикие иранских языков. (Автореф. докт. диссерт.). Л., 1954. -С. 29-36.
15. Соколова В.С. Фонетика таджикского языка, с. 27-29.
16. Сухарева О.А. Руководство для изучения таджикского языка, Самарканд, 1929; Громатович, Дмитриевский, Хашимов. Учебник таджикского языка, Ташкент, 1931; Соколова В.С. Фонетика таджикского языка. М.-Л., 1949.-С.11.
17. Тагирова К. Таджикские говоры Бастандоскского района Узбекской СССР. - Сталинабад, 1959. - С.10-11. -С.29.
18. Ҷамъбаст ва қарорҳои Анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии Тоҷикистон // Роҳбари дониш, №10, 11, 12 с. 41-42: Маводи анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии тоҷик оид ба забони тоҷикӣ ва 7. масъалаҳои ҳалталаби он // Забоншиносӣ, 2010, №1. - С . 131.
19. Bartholomae Chr. Awestisch und Altpersisch || Grundriss der iranischen Philologue. Bd. I. Alt.1.Strusslbug, 1895-1901, 187; Meillet A. Grammaire du v ieux perse, Paris, 1931 .- С. 47-48.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** Select rating
Баҳои миёна: 5 (1 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

**Манбаъ::**https://www.kumitaizabon.tj/tg/content/masalakhoi-mubrami-imloi-sadonokkhoi-zaboni-tochiki?mini=2026-04&qt-quicktabs=1

**Пайвандҳо**
[1] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/zabonitojiki.jpg [2] https://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7